**ФАРМОИШИ**
**РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**аз «29» 03 соли 2024 № 80/ди ш. Душанбе**

*Дар бораи рад кардани додани дараҷаи илмӣ*

Мутобиқи сархати 17 банди 9 ва сархати 4 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270), бандҳои 7, 108 ва 116 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-068 назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 18 декабри соли 2023, № №15 "Дар бораи ба Холматова Хуршеда Айюбҷоновна додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)" бинобар риоя нагардидани талаботи банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) бекор ва дар ин асос, дархости шуро рад карда шавад.
2. Баррасии такрории диссертатсияи номбурда тибқи муқаррарот дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шавад.
3. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ (Азизӣ М.М.) вазифадор карда шавад, ки дар мӯҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия ва дар парвандаи аттестатсионии довталаб чораҳои зарурӣ андешад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Шарифзода М.М. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2024, № 4.

Раис Давлатзода С.Х.

ШУЪБАИ ТАШКИЛӢ

Нусха ба асл баробар аст